Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آوازتاجيك

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

1 феврали соли 2003. Шанбе № 9 (12852)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 15.30 имзо гардид.



## Эътирофи илмии натиҷаҳои ислоҳот дар Ӯзбекистон

Дар Ғарб майлу шавқ нисбати Ӯзбекистон—давлати марказӣ дар Осиёи Марказӣ калон асту диққату эътибори саросари ҷомеаи ҷаҳонӣ ба он дӯхта шудааст. Агар майлу шавқи сиёсатшиносон ва иқтисоддононро нисбати дигаргуниҳои мамлакати мо табиӣ ҳисобем, дар он сурат майлу шавқи муассисаҳои номдори илмиро диққату эътибори ниҳоят калон номидан мумкин аст.

Қобилияти ташкилотчигӣ, ташаббускорӣ ва маҳорати эҷодиву бунёдкории Президент Ислом Каримовро, ки сару сарвари ислоҳот, дигаргуниҳое, ки дар ҳамаи соҳаҳои давлативу ҷамъиятӣ, хоҷагии халқ рух медиҳанд, мебошаду то ҳоли ҳозир бисёр маротиба эътироф гардидаасту аз ҷониби даҳҳо муассисаҳои баобрӯи илмии байналхалқӣ сазоворона арзёбӣ гардидаанд.

Донишгоҳҳои Фаронса Париж-4 Сорбонна ва Париж-Сюд 11 «Ифтихорномаи фаъолияти президентӣ»-ро тасъсис додаанд. Вай ба сарвари давлате, ки ба ислоҳот дар соҳаи таълими халқ, рушд ва ҷонибдории таълим, илм ва фарҳанг, ҳамчунин таҳкими муносибатҳои дӯстона байни халқҳо саҳми калон мегузорад, супурда мешавад.

Имрӯзҳо дар мамлакати мо президентҳои донишгоҳҳои Париж-4 Сорбонна ва Париж-Сюд11—Жорж Молине ва Ксаве Шапиюз меҳмон мебошанд. 30 январ онҳо аз ҷониби Президент Ислом Каримов дар қароргоҳи Оқсарой пазируфта шуданд.

Меҳмононро сарвари давлатамон хайра мақдам гуфта, зикр намуд, ки номи «Сорбонна» аз қадим на танҳо ҳамчун сарчашмаи низоми таълими Фаронса, балки саросари Аврупо пазируфта шудааст ва эътирофу эҳтироми муассисаҳои таълими олии Ӯзбекистон нисбати донишгоҳҳои Сорбонна калон аст.

Яке аз муассисаи қадима донишгоҳи Сорбонна соли 1225 сохмон ёфтааст ва сараввал 4 факулта дошт. Баробари сипарӣ шудани солҳо, садсолаҳо он васеъ гардид. Соли 1968, баъди бозсозии таълими олии Фаронса, ин донишгоҳи бузург ба якчанд донишкадаҳои бонуфуз тақсим гардид.

Ягона номгузорӣ шудани «Сорбонна», яъне донишгоҳҳои Париж-1, Париж-3, Париж-4 ва Париж-5 инфрасохтори ягона, ҳамчунин муассисаҳои ягонаи маъмурӣ ва таълимиро моликанд. Ба таркиби он Китобхонаи байнидонишгоҳӣ, Мактаби амалии таълими олӣ, Мактаби милли хартия, Канселярияи донишгоҳҳои парижӣ ва ректорати академиро шомил гардондан мумкин аст.

Ҳар як донишгоҳ вазифаи махсусро ба ҷо оварда, бахри манфиати умум хизмат мерасонад. Масалан, дар назди Донишгоҳи Париж-5 умури байнидонишгоҳии профилактикии тиббӣ ва ҳифзи тандурустӣ, дар назди Париж-4 маркази ягонаи ҳуҷҷатгузорӣ ва радиостансия, дар назди Париж-3, Маркази фарҳанг ва оҷонсии иттилоотӣ, дар назди Париж-1 бошад, ҳамчунин Марказиноширӣ фаъолият пеш мебаранд. Китобхонаи Сорбонна, ки соли 1770 созмон ёфтааст, сараввал ҳамагӣ 20 ҳазор нусха китоб дошт. Соли 1997 фонди вай аз 3 миллион китоб зиёд гашт.

Донишгоҳҳои мазкур, ки ҳар кадом аз ҳамдигар ҷудо мебошанд, муассисаи бузурги таълимиро ташкил медиҳанд. Масалан, дар Донишгоҳи Париж-4 Сорбонна қариб дар бист факулта беш аз 25 ҳазор нафар донишҷӯ таҳсил мекунад. Дар назди донишгоҳ чанд пажӯҳишгоҳи илмиву тадқиқотӣ, Маркази баланд бардоштани малака фаъолият пеш мебаранд.

Ҳамин қабил маълумотро аз хусуси Донишгоҳи Париж-Сюд 11 ҳам овардан мумкин аст, ки аз таркиби Сорбонна соли 1965 баромадаасту мустақилона фаъолият пеш мебарад. Дар ин ҷо аз рӯи 19 тахассус беш аз 26 ҳазор нафар донишҷӯ таҳсил мекунад. Бисёр марказҳои илмӣ, пажӯҳишгоҳҳои техникӣ ва дигар муассисаҳои илмиро молик аст. Аз рӯи сифати тадқиқотҳои илмӣ донишгоҳи мазкур дар Фаронса аз ҳама номдор ба ҳисоб меравад.

Ду донишгоҳи мазкур дар тӯли чандин сол бо донишгоҳҳои Ӯзбекистон ҳамкории пурсамарро ба роҳ монданд. Аз он ҷумла, доираи ҳамкорӣ бо Вазорати маълумоти олӣ ва миёнаи махсус, Донишкадаи давлатии шарқшиносии Тошканд, донишгоҳҳои давлатии Самарқанд ва Бухоро доманадор аст.

Дар рафти мулоқот дар қароргоҳи Оқсарой оид ба масъалаҳои рушди минбаъдаи ҳамкорӣ мубодилаи афкор ба амал омад.

Дар фарҷоми вохӯрӣ меҳмонон ба Ислом Каримов «Ифтихорномаи фаъолияти президентӣ»-ро барои ҳиссаи калон гузоштанаш ба ислоҳот дар низоми таълими халқ, рушд ва ҷонибдории таълим, илму фарҳанг, ҳамчунин мустаҳкам кардани равобити дӯстона байни халқҳо, сохтани ҷамъияти демократӣ супурданд.

Сарвари давлатамон ба ин диққату эътибор миннатдорӣ изҳор намуда, зикр кард, ки ифтихорномаи мазкур арзёбии волое мебошад, ки доираҳои илмии Фаронса нисбати дигаргуниҳо дар Ӯзбекистон баён кардаанд.

**(ЎзА).**

***Дар акс:** ҳангоми супурдани ифтихорнома.*

**Сурати ЎзА.**

## Ба пешвози Наврӯз

## Тайёрӣ ба иди зебогӣ ва саховату мурувват

Дар Иттиҳоди оҳангсозони Ӯзбекистон муҳокимаи асарҳои нави мусиқӣ бахшида ба иди умумихалқии Наврӯз ба амал омад.

Наврӯз иди навшавии табиат ва ҷавонист. Дар солҳои истиқлолият вай барои халқи мо тантанаи ҳақиқии некӣ, инсонпарварӣ, меҳру шафқат гардид. Аз ҳамин сабаб ҳар сол иди мазкури баҳорӣ дар мамлакатамон бо рӯҳбаландии калон таҷлил меёбад. Арзишҳои миллӣ ва анъаноти халқи ӯзбек, ки аз як аср ба асри дигар гузашта, идомаи худро меёбанд, равандҳои навсозӣ дар ҷамъиятамон таҷассуми бадеии худро дар барномаҳои идона, суруду рақсҳо пайдо менамоянд. Дар саросари мамлакат аллакай тайёрӣ баҳри муносиб пешвоз гирифтани ин иди умумихалқӣ авҷ гирифтааст.

Беш аз сӣ асари нави мусиқӣ бахшида ба иди баҳор аз тарафи оҳангсозони касбиву мусиқорҳои ҷавони мамлакатамон офарида шудаанд. Сурудҳои аз ҳама беҳтарин ҳангоми тантанаҳои асосӣ баланд садо медиҳанд, ки дар Маҷмӯи Боғи миллии Ӯзбекистон ба номи Алишери Навоӣ ба амал меояд.

ххх

Дар ноҳияи Навбаҳори вилояти Навоӣ корҳои тайёрӣ баҳри муносиб пешвоз гирифтани ҷашни Наврӯз оғоз ёфтанд. Ҳокимияти ноҳия якҷоя бо ташкилотҳои давлативу ҷамъиятӣ тадбирҳои думоҳагии ободгардонӣ ва сабзу хуррамгардониро ба муносибати Соли маҳаллаи обод таҳия намуд.

Дар хоҷагиҳо, корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳои таълими ноҳия то баҳор 200 ҳазор бех ниҳоли дарахти манзаравӣ ва 150 ҳазор бех ниҳоли дарахтони боровар, 50 ҳазор бех ниҳоли тут шинонда мешавад. Баробари ин корҳои ободонӣ дар ҳафт ҷамъомади шаҳрвандон ва 39 маҳалла ба иҷро расонда мешаванд.

Дар арафаи Наврӯз дар ду маҳаллаи ноҳия гузарҳои нав дари худро боз мекунанд.

—Деҳқонони ноҳиямон чун тамоми меҳнаткашони ҷумҳурият, Наврӯзро баробари ба замин кишт кардани тухмӣ пешвоз мегиранд,—мегӯяд ҷонишини ҳокими ноҳия, сардори раёсати кишоварзӣ ва хоҷагии об Мустафо Қувондиқов.—Барои ин тамоми техникаи мавҷуда ба мавсим тахт гардид. То ид тоза кардани 100 километр ҷӯю заҳбур ва ба саҳро боровардани 130 ҳазор тонна поруи маҳаллӣ ба нақша гирифта шудааст.

**(ЎзА).**

## Дар доираи лоиҳа

Дар Бизнес маркази байналхалқии Тошканд семинар бахшида вазъи ҷории инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва мамолики Иттиҳоди Аврупо ба амал омад. Семинар дар доираи лоиҳаи «Мадад расондан барои ба рӯи об баровардани Созишнома дар хусуси шарикӣ ва ҳамкорӣ байни Ӯзбекистон ва Иттиҳоди Аврупо»-и Барномаи EuropeAid созмон ёфт. Дар он корбастони аврупоӣ ва мутахассисони идораву вазоратҳо, оҷонсиҳои мухталиф, ҳамчунин намояндагони доираи соҳибкорӣ ва воситаҳои ахбори оммавӣ иштирок намуданд.

**(ЎзА).**

## Муборакбодиҳои самимона

**Ба муносибати 65-солагии зодрӯзи Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов ба унвони сарвари давлатамон муборакбодиҳои сершумор аз номи сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои мамолики хориҷа, ташкилотҳои ҷамъиятӣ мерасанд.**

**Дар барқияву муборакбодиҳо ба фаъолияти давлатии ӯ баҳои баланд дода мешаванд ва зикр ёфтааст, ки бо номи Президенти Ӯзбекистон ба даст овардани истиқлолияти ҷумҳурият, амалӣ гардондани ислоҳотҳои иқтисодӣ, баланд гардидани обрӯву эътибори мамлакат дар арсаи байналхалқӣ, таъмини муътадилӣ ва амният дар Осиёи Марказӣ алоқаманд мебошад.**

**Дар муборакбодии Президенти Иолоти Муттаҳидаи Америко Ҷорҷ Буш иншо гардидааст:**

### Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Муҳтарам ҷаноби Президент

Ба муносибати 65-солагиатон муборакбодиамро қабул фармоед. Ҷонибдории Шумо оиди саъю кӯшиши мубоаризаи мо ба муқобили терроризм дар Осиёи Марказӣ ва Афғонистон бебаҳост. Ман ба Шумо тани сиҳҳати қавӣ, қуввваву ғайрат ва донишмандиро нисбати роҳбарӣ ба мамлакататон дар роҳи сулҳу салоҳ ва шукуфонии минбаъда таманно дорам. Ман идома додани корро бо Шумо дар бобати пеш рафтани ислоҳот дар Ӯзбекистон ва муътадилӣ дар Осиёи Марказӣ бесаброна мунтазир ҳастам.

**Бо камоли эҳтиром Ҷорҷ БУШ,**
**Президенти Иолоти Муттаҳидаи Амрико.**

ххх

**30 январи соли ҷорӣ Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов дар қароргоҳи худ намояндаи махсуси Президенти Федератсияи Россия, сарвари маъмурияти он А.Волошинро пазируфт, ки вай аз номи В.Путин Ислом Каримовро бо зодрӯзаш аз самими дил гарму ҷӯшон муборакбод намуд ва мактуби Президенти Россияро ба ин мазмун супурд:**

### Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Муҳтарам Ислом Абдуғаниевич,

Ба муносибати зодрӯз муборакбодии самимонаамро қабул фармоед.

Дар Россия саҳми калони шахсии Шуморо дар бобати қарор ёфтан ва собитқадамона рушд ёфтани муносибатҳои анъанавии дӯстона ва ба ҳамдигар муфиди россиягиву ӯзбекистонӣ воло арзёбӣ мекунанд. Он чиз хушнудӣ мебахшад, ки нерӯи мусбиву серкирраи шарикӣ байни давлатҳоямон андӯхта шудааст таҳкурсии мустаҳкамро барои вусъат додани амалиёти мутақобилаи дуҷониба ба вуҷуд овардааст, ки асоси онро усулиятҳои ҳамсоягии нек, баробарӣ ва эҳтироми байниҳамдигарӣ ташкил медиҳад.

Дар ин бобат муътамад ҳастам, ки ҳамкории пурсамар байни Россия ва Ӯзбекистон дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Муштаракманофеъ, Ташкилоти ҳамкории Шанхай ба роҳ монда шудааст, баҳри манфиатҳои кулли халқҳои мамлакатҳоямон ҳамчун омили муҳими таъмини муътадилӣ ва амният дар Осиёи Марказӣ хизмат мекунад.

Ба Шумо, муҳтарам Ислом Абдуғаниевич, тани сиҳҳати мустаҳкам, хушбахтӣ, комёбиҳоро дар фаъолияти пурмасъулиятатон ба хотири фаровонии халқи Ӯзбекистон таманно дорам.

**Бо камоли эҳтиром, Владимир ПУТИН,**
**Президенти Федератсияи Россия.**

**Ҳамчунин муборакбодиҳои самимонаи худро инҳо ирсол кардаанд:**

**Президенти Украина Леонид Кучма, Президенти Ҷумҳурияти Қазоқистон Нурсултон Назарбоев, Президенти Ҷумҳурияти Озарбойҷон Ҳайдар Алиев, Президенти Ҷумҳурияти Арманистон Роберт Качарян, Президенти Ҷумҳурияти Туркия Ахмет Нежет Сезер, Президенти Федеролии Ҷумҳурияти Австрия Томас Клестил, Президенти Ҷумҳурияти Булғория Георгий Парванов, Президенти Ҷумҳурияти Словакия Рудолф Шустер, Президенти Ҷумҳурияти Тотористон Минтемир Шаймиев, губернатори вилояти Маскав Борис Громов.**

**Муборакбодиҳо ҳамоно мерасанд.**

## Қирраҳои нави дӯстии бисёрасрина

### Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов 27-29 январ бо сафари давлатӣ дар Шоҳигарии Испониё меҳмон буд

Мамлакати мазкур, ки дар нимҷазира ҷойгир шудаасту Аврупоро бо Африқо мепайвандад, яке аз ҷойҳои намоёнро дар ҷаҳон натанҳо аз рӯи мавқеи ҷуғрофию сиёсиаш, балки нерӯи иқтисодӣ, имкониятҳояш дар савдову сайёҳӣ ишғол менамояд. Маҳсулоти умумии дохилаи солонаи Испониё қариб 700 миллиард доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Ба ҷуз ин вай яке аз он давлатҳоест, ки дар мубориза ба муқобили терроризми байналхалқӣ, барои нигоҳ доштани сулҳу салоҳ мубориза мебарад. Таҳким бахшидани ҳамкорӣ бо чунин мамлакат табиист, ки натиҷаҳои хуб меоварад.

Ба ин нигоҳ накарда, ки муносибатҳои дипломатӣ байни Ӯзбекистон ва Шоҳигарии Испониё расман соли 1992 ба роҳ монда шудааст, равобит байни халқҳоямон таърихи бисёрасринаро молик аст. Аз ҳамин сабаб сафари Президентро ба Испониё ба маънои пуррааш воқеаи таърихӣ номидан мумкин аст.

Паради ҳарбӣ бо иштироки гурди миллӣ ва кавалерияи Испониё ҳангоми маросими пешвозгирии расмӣ дар қароргоҳи «Эл Пардо» аз тайёрии пухта дидани испониён ба сафари Президентамон, дар бораи майлу шавқ ва эҳтироми бузург нисбати Ӯзбекистон гувоҳӣ медиҳад.

Ислом Каримов бо сарвари давлат—шоҳ Хуан Карлос 1 вохӯрд. Дар рафти сӯҳбат оид ба масъалаҳои вазъу пешомадҳои муносибатҳо байни Ӯзбекистон ва Испониё мубодилаи афкор ба амал омад.

Дар маросими қабули расмӣ, ки дар қароргоҳи «Сарсуэла»—қароргоҳи доимии шоҳи Испониё ба амал омад, сӯҳбати самимонае, ки дар «Эл Пардо» байни сарони ду давлат оғоз ёфта буд, дар доираи васеъ идомаи худро ёфт. Аз он ҷумла, баробари масъалаҳои ҳамкории сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳамчунин муаммоҳои мубориза ба муқобили терроризм мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Муносибатҳои мутақобила байни Ӯзбекистон ва Испониё дар соҳаи сиёсат собитқадамона инкишоф меёбад. Аз он ҷумла ҳамкории серҷониба дар доираи чунин сохторҳои байналхалқиву минтақавӣ, аз қабили СММ, Иттиҳоди Аврупо, ТАҲА ба роҳ монда шудаанд. Испониё ҳамчунин аз қарор ёфтани сулҳу салоҳи мӯътадил дар Афғонистон манфиатдор аст. Аз ҳамин сабаб мамлакати мазкур аз сафи иштирокдорони фаъоли корҳои барқароркунӣ дар сарзамини афғон мавқеи муҳимро ишғол менамояд.

Доираи муносибатҳои мо дар соҳаи иҷтимоӣ ниҳоят доманадор аст. Бисёр донишҷӯёни қобилиятнок аз Ӯзбекистон дар доираи Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо дар донишкадаҳои баобрӯи Испониё таҳсил мегиранд. Барномаи мазкур дар доираи илмии испонӣ баҳои баланд гирифтааст. Ба қарибӣ ба ташаббускор ва офарандаи он Президенти мамлакатамон беҳуда унвони фахрии доктори фахрии Донишгоҳи номдори Алкала де Энарис дода нашудааст. Ҳангоми сафари Ислом Каримов ба Испониё меморандум дар бораи ҳамкорӣ байни Вазорати маълумоти олӣ ва миёнаи махсуси Ӯзбекистон ва донишгоҳи Алкала де Энарис ба имзо расид.

Агар сухан дар бораи иқтисодиёт равад, дар рафти сафар борҳо зикр ёфт, ки равобит дар ин самт аз рӯи дараҷаи имконияту нерӯи ду мамлакат нест. Пас ҳамин тавр бошад, саволи ҳаққонӣ ба миён меояд: дар роҳи рушди муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ байни Ӯзбекистон ва Испониё чӣ гуна монеаҳо ҳастанд? Ба фикри Президенти мо ин пеш аз ҳама ба камчинии иттилоот алоқаманд мебошад. Аз он ҷумла, тадбиргарони испонӣ маълумоти кофиро дар ин бобат: кадом соҳаҳои Ӯзбекистон самти устувор доранд, аз онҳо чӣ гуна даромад гирифтан мумкин аст, дар куҷо корҳои муштаракро ба роҳ мондан, барои сармоягузорони хориҷӣ дар мо чӣ гуна шароит фароҳам оварда шудааст, чӣ гуна асосҳои қонунгузорӣ мавҷуданд, надоранд. Аз ин мебарояд дар навбати аввал бояд муаммои камчинии иттилоот ҳаллу фасл гардад. Барои ин ба роҳ мондани равобити бевоситаи тадбиргарони ду мамлакат, пурзӯр кардани муовизаи сафари намояндагони вазорату идораҳои дахлдори ду мамлакат зарур мебошад.

Фикри мазкур ҳангоми сӯҳбати Президент Ислом Каримов бо Раиси Ҳукумати Испониё Хосе Мария Аснар, ки дар қасри «Монклоа» ба амал омад, махсус зикр ёфт. Сарвари давлатамон таъкид намуд, ки вазъи кунунии ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ ҳар ду ҷонибро қаноатмандӣ намебахшад. Равобити байниҳамдигарии иқтисодӣ, ҷалб сохтани сармояҳои испонӣ ба Ӯзбекистон ниҳоят суст давом дорад. Имрӯзҳо дар мамлакти мо ҳамагӣ 6 корхонаи муштарак бо иштироки сармояҳои испонӣ фаъолият пеш мебарад.

Вохӯрии сарвари давлатамон бо тадбиргарони испонӣ бо шавқу ҳаваси баланд гузашт. Дар он бисёр саволҳо дода, ҷавобҳо гирифта шуданд. Дар рафти мулоқот он чиз равшан гардид, ки тадбиргарони испонӣ ба Ӯзбекистон майлу шавқи калон пайдо намудаанд.

Яке аз тадбиргарони испонӣ, ки дар Ӯзбекистон фаъолият пеш мебарад, суханронии худро бо забони ӯзбекӣ оғоз намуд ва онро ҳозирин бо чапакзании бардавом пешвоз гирифтанд. Вай ҳамкорони худро барои ба роҳ мондани соҳибкорӣ дар Ӯзбекистон даъват намуда, дар бораи зебогии кишвари мо, анъаноти қадимаи халқу меҳмоннавозии он нақл кард. Махсусан зикр намуд, ки сулҳу салоҳ ва осудагие, ки дар мамлакати мо ҳукмрон аст, кафолатгари босамар гардидани соҳибкорӣ мебошад.

«Банко Билбао Веская Аргентария» (ББВА)—яке аз муассисаҳои калонтарини молиявии Испониё ба ҳисоб меравад. Ислом Каримов бо аъзоёни садорати бонки мазкур вохӯрд. Дар рафти сӯҳбат бо раис ва директори иҷрогари ширкати «ББВА Трайд» Леополдо Лопес Фугет Балистерис, директори идораи мазкур оид ба мамлакатҳои Аврупо ва Осиё Януш Пиотрович ва ҷонишини сарменеҷери «ББВА» Эмилио Хуан масъалаҳои алоқаманди рушди муносибатҳои молиявӣ, ҷалб сохтани сармояҳои Испониё ба иқтисодиёти Ӯзбекистон муҳокима гардиданд.

Парлумони Испониё аз ду палата—Сенат ва Конгресси вакилони халқ иборат аст. Ба муносибати омадани Ислом Каримов ба мақомоти олии қонунбарории мамлакат кумитаҳои доимии сенат ва конгресси вакилони халқ дар маҷлиси муштараки худ ҷамъ омаданд.

Раиси сенат Хуан Хосе Лукас Хименес махсусан зикр намуд, ки Ӯзбекистон дар минтақаи Осиёи Марказӣ мавқеи калонро ишғол мекунад ва ҷомеаи ҷаҳонӣ роҳи ба худ хоси ӯро, ки мамлакат дар роҳи гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозаргонӣ интихоб намудааст, воло арзёбӣ мекунад.

Сарвари давлатамон дар бораи ислоҳоти парлумон, дигаргуниҳо дар соҳаҳои ҷамъиятию сиёсӣ, фарҳангиву маърифатӣ ва таълим, вазъияте, ки имрӯзҳо дар минтақа ба амал омадааст, нақл кард. Диққату эътиборро ба зарурати пурзӯр кардани равобити байнипарлумонии ду мамлакат нигаронд.

**(Давомаш дар саҳ.2)**

## Пазирой дар қароргоҳи Оқсарой



Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов 30 январ сарвари маъмурияти Президенти Федератсияи Россия Александ Волошинро пазируфт.

Ҳангоми мулоқот сарвари давлатамон зикр намуд, ки равобит байни Ӯзбекистон ва Россия дар ҳамаи соҳаҳо муназзам инкишоф меёбад.

—Чунин ҳамкории доманадор барои шукуфонии мамлакатҳоямон аҳамияти калон касб мекунад,—гуфт Ислом Каримов.

Дар рафти мулоқот оид ба масъалаҳои рушди минбаъдаи амалиёти мутақобилаи байни ду мамлакат, таҳкими амнияти минтақавӣ, ҳамчунин дигар масъалаҳо мубодилаи афкор ба амал омад, ки ҷонибҳо ба онҳо майлу шавқ доштанд.

## Имзои ҳуҷҷат

Аъзоёни ҳайати вакилон таҳти сарпарастии Котиби парлумонии умури хориҷаи Ҷопон, вакили халқи парлумони Ҷопон Шинакохонум Цучия бо Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ӯткир Султонов вохӯрд. Дар рафти сӯҳбат аз собитқадамона рушд ёфтани равобит байни ду мамлакат қаноатмандӣ изҳор гардид. Мубодилаи афкор оид ба масъалаҳои рушди минбаъдаи доираи ҳамкорӣ ба амал омад.

Ҳайати вакилони ҷопонӣ ба Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ташриф оварданд. Ҳангоми сӯҳбат бо раиси парлумон Эркин Халилов масъалаҳои рушди минбаъдаи равобити ӯзбекистониву ҷопонӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Дар рафти мулоқот зикр ёфт, ки ҳар ду мамлакат дар соҳаҳои равобити қонунгузорӣ ва байнипарлумонӣ босамар амалиёти мутақобиларо пеш мебаранд. Ҷонибҳо ба фикр дар бобати идома додани ҳамкории дурнамо дар роҳи вусъат додани ҳаҷмҳои корҳо дар самти мазкур омаданд.

Дар Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон 28 январ маросими ба имзо расондани нотаҳои мубодилавӣ оид ба аз тарафи Ҳукумати Ҷопон пешкаш гардидани грант барои нигоҳ доштани ёдгориҳои таърихии мамлакатамон ба амал омад. Дар лоиҳа расонда додани таҷҳизоти замонавӣ, воситаҳои нақлиётӣ, компутерҳо, дигар намудҳои махсуси техникаи арзиши умумиашон 141 миллион иен дар назар дошта шудааст, ки барои нигоҳ доштан, таҷдид намудан ва назорат кардани вазъи ёдгориҳои таърихии ҷумҳуриятамон зарур мебошанд.

Ба ҳуҷҷат ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ҳамидулло Кароматов ва Сафири фавқулодда ва мухтори Ҷопон дар Ӯзбекистон Акио Кавато имзо гузоштанд.

**(ЎзА).**

Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистон

# Дар бораи суръати баланд бахшидан ба сохтмони хатти нави роҳи оҳани Тошгузар – Бойсун–Қумқўрғон

Ба мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди коммуникатсияҳои нақлиётии мамлакат, рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии вилоятҳои Қашқадарё ва Сурхондарё, бо суръат ба рўи об баровардани лоиҳаҳои азхудкунии конҳои канданиҳои фоиданок, ҳамчунин рушди инфрасохтори иҷтимоии минтақаҳои ҷанубии ҷумҳурият Девони Вазирон **қарор мекунад**:

1. Таклифи Вазорати иқтисодиёти Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва Ширкати давлативу саҳҳомии роҳиоҳани «Ўзбекистон темир йўллари» дар бораи марҳала ба марҳала ба истифода супурдани қитъаҳои ҷудогонаи хатти нави роҳиоҳани Тошгузар—Бойсун—Қумқўрғон дар ин бобат пазируфта шавад.

Қитъаҳои Тошгузар—Деҳқонобод ва Бойсун—Қумқўрғон дар солҳои 2003-2005 аз ҳисоби маблағи буҷаи давлатӣ (20 фоиз) ва маблағҳои худии Ширкати давлативу саҳҳомии роҳиоҳани «Ўзбекистон темир йўллари» (80 фоиз);

қитъаи Деҳқонобод—Бойсун дар солҳои 2004-2007 аз ҳисоби маблағи сармояҳои хориҷии ҷалбшаванда.

2. Ба Вазорати иқтисодиёт, Оҷонсӣ оид ба равобити берунии иқтисодии Ҷумҳурияти Ўзбекистон супурда шавад, ки ҳаллу фасли масъаларо бо муассисаҳои дахлдори ҳукумати Ҷопон аз хусуси ҷалб сохтани вомҳои имтиёзноки дарозмўҳлати иенӣ барои бо маблағ фаро гирифтан ва таъмини заминаи моддиву техникии сохтмони қитъаи Деҳқонобод—Бойсун таъмин созанд.

3. Муайян карда шавад, ки;

мўҳлати анҷоми тамоми сохтмон соли 2007 мебошад;

сарфармоишгар оид ба сохтмони хатти нави роҳиоҳани Тошгузар—Бойсун—Қумқўрғон, Ширкати давлативу саҳҳомии роҳиоҳани «Ўзбекистон темир йўллари» мебошад;

сарлоиҳакаши он — Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Боштраснлойиҳа» ва Ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушоди «Тоштемирйўллойиҳа» мебошанд;

сарпудратчӣ оид ба сохтмони қабати заминӣ ва иншоотҳои сунъӣ Консерни давлатии «Ўзавтойўл» аст;

сарпудратчӣ оид ба сохтмони қабати болоии роҳ—раёсати хоҷагии роҳсозии Ширкати давлативу саҳҳомии роҳиоҳани «Ўзбекистон темир йўллари» ва иттиҳодияи давлатии «Ўзтрансқурулиш» мебошанд.

4. Ба Ширкати давлативу саҳҳомии роҳиоҳани «Ўзбекистон темир йўллари», сарлоиҳакашон (Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Тоштранслойиҳа» ва Ҷамъияти саҳҳомии тарзи кушоди «Тоштемирйўллойиҳа»), ҳокимиятҳои вилоятҳои Қашқадарёву Сурхондарё супурда шавад, ки тамоми корҳои зарурии лоиҳакашӣ ва қоидаҳои сохтмонро аз нав дида бароянд, ки ба пуррагӣ ба истифода супурдани қитъаи кўҳии Деҳқонобод—Бойсуни хатти нави роҳиоҳан ба истифода супурдани қитъаҳои Тошгузар—Деҳқонобод ва Бойсун—Қумқўрғонро дар силсилаи маҳдуду пўшида бо назардошти таъмини бархурдории нақлиётӣ ба захираҳои маъданиву ашёи хоми ин маҳалҳо дар назар гиранд.

5. Барои оҷилан ҳаллу фасл намудани масъалаҳои сохтмони хатти нави роҳиоҳани Тошгузар—Бойсун—Қумқўрғон комиссияи ҷумҳурӣ оид ба мутобиқат ва назорати рафти сохтмон созмон дода шавад.

6. Муқаррар карда шавад, ки ҷалб сохтани ташкилотҳои пудратии ёрирасон барои лоиҳакашӣ ва сохтмони хатти нави роҳиоҳан, ба даст овардани масолеҳи бинокорӣ, конструксияҳо ва таҷҳизотҳо дар асоси савдои тендерие, ки Ширкати давлативу саҳҳомии роҳиоҳани «Ўзбекистон темир йўллари» бо назардошти тасдиқ намудани натиҷаҳои савдои тендерӣ баъди ризомандӣ бо Комиссияи ҷумҳурӣ ба амал бароварда мешаванд.

Ба Ширкати давлативу саҳҳомии роҳиоҳани «Ўзбекистон темир йўллари» якҷоя бо ташкилотҳои сарпудратӣ супурда шавад, ки хушсифат гузарондани савдои озмуниро (тендерро) аз рўи интихоби ташкилотҳои пудратчии ёрирасон, расонда додани таҷҳизот ва масолеҳ барои сохтмони хатти нави роҳиоҳани Тошгузар—Бойсун—Қумқўрғон таъмин созад.

7. Ба аз ҳарду тараф пеш бурдани корҳо оиди лоиҳакашӣ ва сохтмони хатти нави роҳиоҳан аз ҳисоби маблағҳои худии Ширкати давлативу саҳҳомии роҳиоҳани «Ўзбекистон темир йўллари» рухсат дода шавад.

Ба Кумитаи давлатӣ оид ба меъмориву сохтмон супурда шавад, ки дар мўҳлати муқарраргардида ташхиси нишондиҳандаҳои асосии техникиву иқтисодиро оид ба қитъаҳои Тошгузар—Деҳқонобод, Деҳқонобод— Бойсун, Бойсун—Қумқўрғон баробари ба тасдиқи Комиссияи ҷумҳурӣ даровардани он гузаронанд.

Муқаррар карда шавад, ки бо маблақ фарогирии маблағгузориҳои асосӣ аз ҳисоби маблағи буҷа баъди мувофиқи тартиб тасдиқ гардидани ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ амалӣ гардонда, мувофиқи ҳаҷми муқарраргардидаи бомаблағфарогирӣ аз ҳисоби маблағҳои худии Ширкати давлативу саҳҳомии роҳиоҳани «Ўзбекистон темир йўллари» марҳила ба марҳила ба рўи об бароварда мешавад.

8. Ба Вазорати иқтисодиёт, Вазорати молияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва Ширкати давлативу саҳҳомии роҳиоҳани «Ўзбекистон темир йўллари» супурда шавад, ки дар барномаи сармоягузории солҳои 2003—2007 ҳаҷмҳои зарурии маблағгузории асосиро аз ҳисоби буҷаи давлатӣ, маблағҳои худии ширкат ва сармояву вомҳои хориҷаи ҷалб шаванда барои сари вақт ба истифода супурдани қитъаҳои хатти нави роҳиоҳан пешбинӣ намоянд.

9. Ба Ширкати давлативу саҳҳомии «Ўзбекэнерго», Оҷонсии «Ўзкоммунхизмат», Ширкати саҳҳомии «Ўзнефтегазстрой», Оҷонсии Ўзбекистон оид ба алоқа ва иттилоот супурда шавад, ки бо ҳуқуқи пудратчии асосӣ мувофиқи ҳуҷҷатҳои лоиҳавиву сметавӣ аз ҳисоби маблағҳои фармоишгар дар мўҳлати муқарраргардида гузаронда ва аз нав ҷиҳозонидани хатҳои алоқа ва дигар коммуникатсияҳои муҳандисиро таъмин созанд.

10. Ба таври истисно Ширкати давлативу саҳҳомии роҳиоҳани «Ўзбекистон темир йўллари» ва Консерни давлатии «Ўзавтойўл» дар мўҳлати сохтмон аз додани пардохти гумрукӣ (ба ғайр аз маблағҳо барои расмигардонии гумрукӣ) ба таҷҳизоту маводи оварандае озод карда шаванд, ки ба сохтмони хатти нави роҳиоҳан истифода мегарданд.

Ҳиссаҷудокунии Ширкати давлативу саҳҳомии роҳиоҳани «Ўзбекистон темир йўллари» ба бунёди ҷумҳурии роҳ мувофиқи нақшае ба таъхир гузошта шавад, ки бо Консерни давлатии «Ўзавтойўл» ризоманд гардидааст.

11. Бо назардошти шароити мураккаби иқлимии маҳалҳо ва мураккаб будани корҳо коэффисиент нисбати музди меҳнат 1,4 дар вилояти Қашқадарё ва 1,3 дар вилояти Сурхондарё барои тамоми гурўҳи коркуноне муқаррар карда шавад, ки дар сохтмони хатти роҳиоҳани Тошгузар—Бойсун—Қумқўрғон фаъолият пеш мебаранд.

12. Ба Ширкати миллии холдингии «Ўзбекнефтегаз» супурда шавад, ки дар ҳадди лимити тасдиқгардида ва аз рўи ҳисобу китоби асоснокгардида мунтазам таъмин кардани қитъаи сохтмонро бо равғанҳои молиданӣ ва сўзишворӣ таъмин созад.

13. Ба ҳокимиятҳои вилоятҳои Қашқадарё ва Сурхондарё супурда шавад, ки инҳоро таъмин созанд:

сари вақт ҷудо кардани замин ва вайрон кардани биноҳо дар роҳи сохтмон;

ба роҳ мондани корҳои зарурии бинокорӣ баробари ҷалб сохтани ташкилотҳои пудратчӣ, таҳти назорат қарор гирифтани иҷрои ҳаҷмҳои корҳои сохтмону монтаж ва андешидани тадбирҳо оиди иҷрои вазифаҳо дар мўҳлати муқарраршуда;

мувофиқи меъёрҳои мавҷуда фароҳам овардани шароити зарурии маишӣ ба иштирокдорони сохтмон.

14. Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистон аз 17 августи соли 1995 рақами 23 «Дар бораи масъалаҳои ба лоиҳагирӣ ва сохтмони хатти нави роҳиоҳани Ғузор—Бойсун—Қумқўрғон (Қизил Октябр) » беэътибор доништа шавад.

15. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи ҷонишини аввали Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон К.Тўлаганов ва ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон Р.Азимов гузошта шавад.

**Раиси Девони Вазирон И.КАРИМОВ.**
Шаҳри Тошканд, 24 январи соли 2003.

# Қирраҳои нави дўстии бисёрасрина

**(Аввалаш дар саҳ.1)**

Ба сарвари давлатамон медали махсуси парлумон ва нусхаи Конститутсияи Испониё тўҳфа карда шуд, ки соли 1978 қабул гардидааст. Конститутсия Қонуни Асосӣ буда, ба озодӣ ва соҳибихтиёрии ҳар як шаҳрванд кафолат медиҳад. Аз ҳамин сабаб онро танҳо ба меҳмонони аз ҳама воломақом, дўстони аз ҳама наздики мамлакат тўҳфа мекунанд. Ислом Каримов ба «Китоби тиллоӣ»-и Сенат соядаст гузошт.

Дар рафти сафар як қатор ҳуҷҷатҳои дуҷониба ба имзо расиданд. Созишнома дар бораи рағбатноксозӣ ва ҳифзи байниҳамдигарии сармоягузорӣ байни Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва Шоҳигарии Испониё, Меморандум дар бораи ҳамдигарфаҳмӣ байни Вазорати иқтисодиёти Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва Вазорати иқтисодиёти Шоҳигарии Испониё, Меморандуми консултативӣ дар бораи ҳамкорӣ байни идораҳои сиёсати берунаи ду мамлакат аз ҷумлаи онҳо буданд.

Ба туфайли ҳуҷҷатҳои мазкур бисёр муаммоҳои ҳамкорӣ ҳаллу фасли худро меёбанд. Расман ба роҳ мондани муносибатҳо байни вазоратҳои иқтисодиёт шароити мусоидро баҳри фаъол гардидани амалиёти мутақобилаи байнашон, ризомандона бартараф сохтани муаммоҳои мавҷуда фароҳам оварда, ба васеъ ворид шудани сармояҳо, молҳо ва адои хизмат мусоидат мекунад. Ҳифзи ҳуқуқӣ ва рағбатноксозии сармоягузорӣ боварии байниҳамдигарии доираҳои корчаллонии ҷонибҳоро таҳким мебахшад.

Ба имзо расондани ҳуҷҷатҳо байни идораҳои сиёсати берунӣ корҳоро дар доираи ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ танзим гардонда, баробари ин вазифаҳои муштаракан ҳаллу фасл намудани масъалаҳои алоқаманди муносибатҳои дуҷонибаро пеш мегузорад.

Ҳангоми ба мерияи шаҳри Мадрид омадани Президенти Ўзбекистон мири он Хосе Мария Алварис дел Манзано дар вазъияти мутантан ба Ислом Каримов «Калиди тиллоӣ»-и рамзи шаҳри худро супурд. Ва онро мо ин тавр фаҳмидем: дари яке аз шаҳрҳои қадимаву зебои Аврупо—Мадрид барои халқи Ўзбекистон ҳамеша боз аст.

Ҳангоми мулоқот бо аҳли ҷамъияти Мадрид сарвари давлатамон махсусан зикр намуд, ки зебогии ба худ хос, услуби меъморӣ ва ҷойҳои ба диққат сазовори таърихии шаҳр ба ў хотироти амиқеро боқӣ гузоштанд. Мадрид 600 сол аз ин ҳам муқаддам зебо буд. Аз ҳамин сабаб Соҳибқирон Амир Темур, ки бо Шоҳигарии Испониё муносибатҳои мустаҳкамро ба роҳ монда буд, ба ин мамлакат Муҳаммад ал Қозиро ба сифати сафири худ фиристодааст.

Ҷоиз аст зикр намоем: мулоқоте, ки дар бинои кўчаи ба номи сафири номдори Испониёи қадима Руи Гонсалис де Клавихо ба амал омад, фаромўшнопазир буд. Аз рўи суханони мир соли ҷорӣ сафари таърихии Клавихо ба мамлакати Амир Темур 600 сол пур мешавад. Ба ҳамин муносибат маъмурияти шаҳр ният дорад намоишгоҳро дар хусуси сафари мазкур дар он айёми қадима намоиш диҳад. Мир ба сарвари мамлакатамон бо хоҳиши ҳамкорӣ намудан дар ин самт ва расондани кўмак дар ин бобат муроҷиат намуд. Вай ҳамчунин таклиф пеш гузошт, ки чунин намоишгоҳ дар Тошканд ва Самарқанд ташкил карда шавад.

Испониё ба ҷумлаи давлатҳое шомил аст, ки саноати сайёҳиаш ниҳоят инкишоф ёфтааст. Танҳо соҳаи мазкур ҳар сол ба хазинаи давлат қариб 34 миллиард доллари ИМА фоида меоварад. Ва бесабаб нест, ки қароргоҳи Ташкилоти умумиҷаҳонии сайёҳӣ маҳз дар Мадрид ҷойгир шудааст.

Имкониятҳои Ўзбекистон барои рушди сайёҳӣ аз имкониятҳои мамлакати мазкур кам нест. Ҳангоми пазироии Ислом Каримов Сармуншии Ташкилоти умумиҷаҳонии сайёҳӣ Франческо Франжиали масъалаҳои дар Ўзбекистон самарабахш истифода бурдани имкониятҳои мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Ҳамин тавр, саҳифаи нав дар муносибатҳо байни Ўзбекистон ва Испониё боз гардид. Дар ин бобат шакку шубҳа нест, ки сафари Президенти мо, ҳосил шудани созишномаҳо, ба имзо расидани ҳуҷҷатҳо дар вақтҳои наздик натиҷаҳои мусбии худро мебахшад.

**Озод РАҶАБОВ,**
**мухбири махсуси ЎзА.**
**Тошканд—Мадрид—Тошканд.**

# НАВИГАРИҲОИ ВИЛОЯТИ НАМАНГОН

## Масканҳои нави таълим

**ПОП.** Дар арафаи Соли нав дар маркази ноҳия боз як бинои муҳташаму зебо қомат афрохт. Дар пойгоҳи мактаби бизнесии ноҳия коллеҷи хизматрасонии маишӣ ба фаъолият оғоз намуд. Бинокорони маҷмўи рақами 131 сайёри механиконидашудаи байниҳоҷагии биноҳои таълимии собиқ мактаби бизнесиро ва ҳамчунин биноҳои хобгоҳ, толори варзиш, китобхона ва ошхонаро дар муддатҳои кўтоҳтарин мувофиқи талаби меъмории муосир аз нав сохтаву таъмир намуданд. Барои тармиму азнавсозии биноҳои таълимӣ ва маишӣ 700 миллион сўм харҷ гардид.

**УЧҚЎРҒОН.** Дар рўзҳои охирини соли 2002 дар марказӣ деҳаи Қўзайи ин ноҳия низ боз як маскани нави таълим—коллеҷи саноату нақлиёт кушода шуд. Тавассути меҳнати ғайратмандонаи бинокорони корхонаи таъмиру сохтмони Учқўрғон биноҳои таълимӣ ва иншоотҳои иловагӣ дар муддатҳои кўтоҳтарин аз нав сохтаву таъмир гардиданд.

Дар коллеҷи номбурда 750 нафар аз рўи 8 ихтисоси саноату нақлиётӣ таълиму тарбия мегиранд.

Барои пойдор гардонидани базаи моддиву техникии таълимгоҳи мазкур хоҷагии таҷрибавӣ ташкил шуда 40 гектар замини обӣ ҷудо гардидааст.

Даромади ба даст омада барои мустаҳкамкунии сифати таълим ва беҳбудии шароити маишии хонандагон сарф хоҳад гардид.

## Комёбиҳо меафзоянд

**УЙЧӢ.** Ҷамъияти саҳҳомии «Бофандагию ресандагии Уйчӣ» соли 2002-ро бо комёбиҳои назаррас ҷамъбаст намуданд. Дар давоми соли сипарӣ ҷамъ ба миқдори 1 миллиарду 186 миллион сўмина маҳсулоти саноатӣ истеҳсол намуда, супориши шартномавӣ ба 103 фоиз иҷро шуд. Дар давоми сол 981 тонна калоба ва 4 миллиону 200 ҳазор метри тўлонӣ газвор истеҳсол гардид.

Натиҷаи ҳамин комёбиҳост, ки дар корхона шароити моддию маишии 1161 нафар коргарону хизматчиён пайваста беҳтар мегардад. Алҳол хўроки нисфирўзии аҳли меҳнати корхона ройгон буда ҳаҷми музди кор меафзояд.

Бофандагону ресандагони корхона аз рўзҳои аввали Соли нав бо рўҳи баланду кайфияти хуш меҳнат карда, натиҷаҳои хуброба даст меоваранд.

**А.НУРИДДИНОВ,**
**мухбири худамон.**

Фармон ва иҷро

# Ба оилаи худ бармегарданд

**Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи авф ба муносибати даҳсолагии Конститутсияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон» боз як ифодагари устувор будани усулиятҳои умуминсонии демократӣ, таҷассуми калони давлату саховатқалбӣ дар мамлакатамон гардид, ки дар роҳи бунёди ҷамъияти озоди адолатноки шаҳрвандӣ гомҳои қатъӣ мегузорад.**

Дар маҳбасхонаи занон, ки дар шаҳри Тошканд воқеъ аст, барои бе каму кост ба иҷро расондани нуктаҳои фармони мазкур диққату эътибори махсус нигаронда шудааст. Мувофиқи Фармон бисёр бонувон аз маҳали маҳбас озод карда, ба оилаи худ, оғўши фарзандонашон бармегарданд.

— Фармони мазкур ҳамчун намунаи олии саховатқалбӣ ва инсонпарварӣ васеъ эътироф мегардад, — мегўяд прокурори махсуси Тошканд оид ба назорат кардани қонунҳо аз болои фаъолияти муассисаҳои иҷрои ҷазо, маслиҳатгари адлия Баҳром Эшматов. — Фармони мазкур, ки асосашро авф кардани гунаҳкорон диҳад, фазилати ба худ хоси халқамон ба ҳисоб меравад, дар худ таҷрибаи ҳуқуқии демократии ҷаҳонӣ ва анъаноти миллии ўзбекро таҷассум гардондааст.

Дар Фармон барои озод кардани бонувон диқату эътибори калон дода шудааст. Зеро, бонувон чароғи хонадон ба ҳисоб мераванд. Бисёрии онҳо аз сабаби ноэҳтиётӣ ҷиноят содир намудаанду дар давоми гузарондани мухлати ҷазо хатои худро хуб дарк кардаанд. Онҳо кам - андар кам такроран ба ҷиноят даст мезананд.

Соли гузашта дар бобати ба рўи об баровардани нуктаҳои Фармон бисёр корҳо ба иҷро расонда шудаанд. Бисёр бонувон аз маҳбасхона озод карда шуданд. Ҷараёни мазкур алҳол низ давом дорад.

— Дер шуда бошад ҳам, хатои худро дарк кардам, — мегўяд Нигора Салимоваи ҷиззахӣ (вай аз озодӣ ба мўҳлати 6,5 сол маҳрум гардидааст), — Якуним сол ҳаёти маҳбасхона барои ман сабақи калоне гардид. Аз сарвари давлатамон барои ғамхорӣ кардан ба ман барин роҳгумзадагон, авф намуданам як умр қарздорам. Баъди чанд рўз ба хонаамон ба назди модари меҳрубонам бармегардам. Ҳалол меҳнат карда, барои ба ҷамъиятамон фоида расондан мекўшам.

**Норгул АБДУРАҲИМОВА,**
**мухбири ЎзА.**

# Ҳуқуқи истеъмолгар — таҳти ҳимоя

Сулҳу осоиши мамлакат, некуаҳволии мардум аз бисёр ҷиҳат ба фаъолияти кормандони гумрук вобаста аст. Аз ин рў Кумитаи давлатии гумрук фаъолияташро боз ҳам такмил медиҳад, пунктҳои гумрукӣ мустаҳкам карда мешавад. Онҳо бо технологияҳои замонавӣ, намудҳои нави воситаҳои ахбор, назорат ва алоқа ҷиҳозонида мешаванд.

Дар натиҷа корҳо оид ба ҳифзи бозори дохилӣ, мубориза бар зидди аз мамлакат ғайриқонунӣ кашонда бурдани сарватҳои молию моддӣ, вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ, инчунин дигар самтҳои фурўши ғайриқонунии молҳо боз ҳам пурзўр гардонда мешавад. Контрабанда пешгарӣ карда мешавад.



Ба ин муносибат қарори Девони Вазирон «Дар бораи ба тартиб андохтани аз ҷониби шахсони ҷисмонӣ ба қаламрави Ҷумҳурияти Ўзбекистон овардани молҳо», ки 6 маи соли 2002 қабул шудааст, дастури муҳим гардид.

Қарори мазкур ду мақсадро пешбинӣ менамояд: якум, пешгирӣ намудани ба мамлакат овардани маҳсулоти бесифат, дуввум, ба тартиб андохтани савдо дар бозорҳоямон. Охиру охирон ин имконият медиҳад, ки аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифат таъмин карда шавад ва дар бозорҳо фурўши молҳои сертификатдор ташкил карда шавад.

Дар қарор ҷорӣ намудани соддатар кардани тартиби ситондани боҷи гумрукӣ, ки ба ҷои андоз ба арзиши иловагӣ додани боҷи гумрукии ягона, пардохту хироҷи гумрукиро ба молҳое, ки шахсони ҷисмонӣ меоранд, пешбинӣ менамоянд, ба нақша гирифта шудааст. Ин бошад, барои тадбиргарон қулаии нав фароҳам меорад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки фаъолияти тадбиргарони ҳалолу покviҷдон боз ҳам ҷон мегирад. Вале баъзе абҷироне, ки моҳияти қарори мазкурро дарк накардаанд ва қонуншиканиро машғулоти оддии хеш қарор додаанд, дигар роҳро пеш мегиранд. Аз ин рў низ мақомоти гумрук назорати посгоҳҳои сарҳадиро пурзўр мегардонад.

Инсон ҳамеша ба маҳсулот, либос, ҷиҳозҳои хона эҳтиёҷ дорад. Истеҳсолгар бошад, кўшиш мекунад, ки маҳсулоташро ба он ҷое ки ин эҳтиёҷ вуҷуд дорад расонда дода, бо ин мавқеи молиявиашро ислоҳ созад. Давлатҳои мустақили ҷавоне, ки 12 сол пеш дар фазои собиқ шўроҳо ташкил ёфтаанд, барои доираҳои корчаллони мамолики хориҷӣ ин хел бозорҳоро кушоданд. Ба ин минтақаҳо, ки камчинии маҳсулоти тайёрро ҳис мекунанд, аз Аврупою Осиё баробари молҳои хушсифат баъзе молҳои пастсифат меоянд.

Дар солҳои охир чунин молҳои ба назар нисбатан арзон, дар айни ҳол пастсифату барои истеъмол ношоям дар бозорҳои Осиёи Марказӣ ва аз ҷумла, мамлакатамон пайдо шуданд. Дар натиҷа, аз як ҷиҳат ҳамин тариқ ҳуқуқи истеъмолгар поймол гардад, аз дигар ҷиҳат барои истеҳсолгарони маҳаллӣ вазъияти муташанниҷ фароҳам меоранд.

Аз ин рў ҳукумати мамлакатамон оид ба пешгарӣ намудани чунин ҳолатҳо тадбирҳои қатъӣ меандешад. Дар нимаи соли гузашта барои ба Ўзбекистон овардани молҳои бидуни сертификат, ҳуҷҷатҳое, ки сифати маҳсулотро тасдиқ мекунанд, садд гузошта шуд. Оид ба рушди истеҳсолоти маҳаллӣ, васеъ гардондани истеҳсоли маҳсулоти ба рақобаттобовар тадбирҳо андешида шуд.

Чи хеле ки ба хабарнигори ЎзА дар маркази матбуоти Кумитаи давлатии гумрук хабар доданд, танҳо дар соли 2002 зиёда аз 5 ҳазор ҳолати ба овардани маҳсулоти контрабанда алоқаманд, фош шуд, қариб ду миллиард сўмина молҳои пастсифат ба даст афтид.

Мутаассифона, сарфи назар аз инҳо чунин вазъиятҳо имрўзҳо ҳам ҷой доранд. Масалан чанд рўз пеш кормандони гумруки вилояти Андиҷон якҷоя бо кормандони Хидмати амнияти миллӣ дар натиҷаи тадбирҳои таъҷилии дар қаламрави ноҳияи Марҳамат гузарондаашон мошинеро, ки А. Қурбонов идора мекард, доштанд, ки дар бордонаш 30 миллион сўмина матову чарми сунъӣ дошт. Ба вай ягон хел ҳуҷҷат надошт. Бор ба таги қабати ғафси пашм, ки ним тонна вазн дошт, пинҳон карда шуда буд.

Боз як мисол. Ҳангоми ба мамлакатамон даромадан мошини «КамАЗ»-ро боздоштанд, ки аз бордонаш матоъю дорувории аз мамлакати ҳамсоя харидшуда, ки ба сокини вилояти Хоразм Т. Абдуллоева мансуб будааст, ёфтанд. Арзиши умумии молҳо 7,5 миллон сўм буд. Баъд аз дар лабораторияи махсус санҷидани доруворӣ маълум шуд, ки 95 фоизи онҳо ба истеъмол ношоям будааст.

Кормандони гумрук ба баланд бардоштани корҳои тавзеҳотӣ, ки дар байни шахсони бо тадбиргарии хусусӣ машғулбуда бурда мешавад, эътибори алоҳида медиҳанд. Аз ҷумла, дар бозорҳои калони кўтарафурўшиву чаканафурўшии Тошканд пунктҳои маслиҳатӣ ташкил карда шудааст, дар байни шахсони юридикиву ҷисмонӣ корҳои таблиғотиву тавзеҳотӣ бурда мешавад. Дар воситаҳои ахбори оммавӣ дар ин мавзўъ барномаҳо тайёр карда мешаванд ва материалҳо чоп мешаванд.

Минбаъд тадбиргар ҳуҷҷатҳоеро, ки ба қаламрави ҷумҳурӣ қонунӣ оварда шудани мол, пардохта шудани ҳамаи боҷҳои гумрукӣ — декларатсияи гумрукии бор ё ки ордери қайди гумрук, сертификати гигиениро (ба молҳои озуқаворӣ, чизҳои гигиена ва маҳсулоти барои саломатии инсон зарур), тасдиқ мекунад, надошта бошад, вайро ба ҳолати ногувор оварданаш мумкин. Зеро, дар қарори дар боло зикршудаи Девони Вазирон ҳангоми вуҷуд надоштани ҳуҷҷатҳое, ки қонунӣ ба қаламрави ҷумҳурият дароварда шудани онро тасдиқ мекунад, мусодира кардани мол пешбинӣ шудааст.

Мувофиқи қарори Девони Вазирон « Дар бораи барҳам додани литсензиякунӣ ва тадбирҳо оид ба такмилдиҳии овардан ва фурўши молҳои истеъмолӣ дар бозори дохилии Ҷумҳурияти Ўзбекистон» аз 20 августи соли гузашта ба мақсади ҳифзи бозори дохилӣ аз маҳсулоти пастсифат, аз 1 октябри соли 2002 расмигардонии гумрукии тамоми намудҳои молҳои истеъмолии ба ҷумҳуриятамон аз ҷониби шахсони юридикиву ҷисмонӣ овардамешуда танҳо баъд аз пешбарӣ намудани сертификатӣ мувофиқат оғоз меёбад.

**Беҳзод НОРБОЕВ,**
**мухбири ЎзА.**

Мавзўи муҳими рўз

# Харидор ҳам, балогардон ҳам, истеъмолгар аст

Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи ҳимоя кардани ҳуқуқҳои истеъмолгарон» ҳар як шаҳрванди мамлакатро новобаста аз миллат, мавқеи ҷамъиятӣ, баромади иҷтимоӣ ва обрўву эътибораш дар ҷамъият як хел ҳимоя мекунад. Чунки чӣ сарватманду чӣ бенаво, чӣ марду чӣ бонувон ҳамагон истеъмолгар мебошанд ва нуктаҳои қонуни мазкур ва дигар санадҳои қонунгузорӣ ба онҳо як хел мутааллиқ мебошад.

Акнун саволи ҳаққонӣ бармеояд: оё ҳамаи мо ҳуқуқҳои ин қонундодаро пурра истифода мебарем? Моҳияти қонунро ҳамеша оё сарфаҳм меравем, то чӣ андоза муфид будани онро дарк мекунем?

Дар шароите, ки имрўзҳо бо ҳар роҳ, фиребу найранг, ғайриқонунӣ убур кардани маҳсулот тавассути сарҳади давлативу ситодҳои гумрукӣ давом дорад, аҳамияти нуктаҳои қонуни мазкур дар бобати ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолгарон ниҳоят калон аст ва ҳар яки моро аз молҳои бадсифат, ба ҳаёту зиндагониамон хавфнок боэътимод ҳифз мекунад, нисбати айбдорон андешидани тадбирҳои зиёди ҷазоро ҷонибдорӣ месозад.

Маълум аст, ки истеъмолгари маҳсулот, фармоишгари ҳар гуна хизмату кор бештар шаҳрвандон, яъне шахсони ҷисмонӣ мебошанд. Яъне ин чунин маънӣ дорад, ки мову шумо истеъмолгар ба ҳисоб меравем. Ба сифати истеъмолгар ҳар рўз ягон молро аз муассисаҳои савдо, бозору дигар шабакаҳо харид мекунем, аз навъҳои мухталифи хизмат баҳра мебардорем, ҳар гуна корҳоро ба иҷро мерасонем. Боз мухтасар карда гўем касе, ки нияти молу маҳсулот харид кардан дорад, истеъмолгар ба ҳисоб меравад. Истеъмолгар мустақил аст ҳар гуна молро бо нархи худаш мақбул харид карданаш мумкин аст. Яъне ягон молофаранда ҳуқуқ надорад ба имтеъсолгар молашро иҷборан фурўшад ва ё маҷбур созад, ки аз хизматаш баҳра бардорад. Пас ҳамин тавр бошад, харидор, истеъмолгар маҷбур аст, ки ҳангоми харид кардани мол пеш аз ҳама ҳуҷҷати он, сертификати сифату маълумотҳоро дар хусуси молофаранда, маҳали маскуни он, муддати истифодабарии мол, шартҳои истифодаи онро талаб намояд.

Барои харид кардани маҳсулот ҳуҷҷати зарурӣ — чек, квитансия ва ё дигар ҳуҷҷатҳо талаб намояд. Ва ин ҳуҷҷатҳо асос дар бобати ҳаллу фаслу баҳсу мунозираҳо байни истеъмолгару фурўшанда, фармоишгару иҷрогар мегардад.

Вале чуноне ки маводҳои дар судҳо баррасишуда, дар ҷамъиятҳои ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарон муҳокимагардида нишон медиҳанд, истеъмолгар бисёр вақт ба поймол гардидани ҳуқуқҳояшон бошууронаву ғайришуурона роҳ мегузорад. Яъне ҳуҷҷати зарурӣро талаб карда, намегирад ва оқибат «забон»-и фурўшандагон аксар вақт «дароз» мешавад.

Чунки истеъмолгар ҳуҷҷати зарурӣро пешкаш намекунад ва аз ин рў фурўшандагон бисёр вақт аз «об хушк мебароянд».

Аз ин рў ба ҳамватанон, истеъмолгарон гуфтанӣ ҳастам: шумоён ҳар чӣ қадар ҳуқуқҳоятонро хуб донед, дар он сурат ҳаҷми расондани зарар ба саломатӣ, ҳаёт, амвол, атрофатон камтар мегардаду аз айбдорон рўёнда гирифтани қусури зарар ба осонӣ мекўчаду пеши роҳи фурўхтани ҳар гуна молҳои бадсифату мувофиқатнакунандаи андозаҳои давлатӣ гирифта мешавад. Бо ҳамин васила ҳар яки мо баробари ҳифз кардани саломатии худ ҳамчунин барои ободониву шукуфонии Ватан, таъмини сулҳу салоҳ саҳм мегирем. Дар соҳаи хизматрасонӣ ҳам оиди ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарон силсилаи ҳуҷҷатҳо қабул гардидаанд, ки онҳо пеш аз ҳама ба пешгирӣ кардани сўиистеъмол дар соҳаи мазкур, аз инҳисорот баровардани он нигаронда шудаанд. Аз он ҷумла, дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ низ як қатор санадҳои меъёрие қабул шуданд, ки аз он бояд ҳар як истеъмолгар хабардор бошад, мо хизмати коммуналӣ гўем, пеш аз ҳама пеши назар оби ошомиданӣ, канализатсия, гармитаъминкунии марказонидашуда, оби гарм, гирифта бурдани ахлот, таъминоти газу баркро мефаҳмем. Агар шумо ҳаққи онро сари вақт напардозед, дар он сурат ба ҳар рўзи ба таъхиргузошта бояд ба андозаи 0,5 фоизи маблағи пардохташуда пеня диҳед. Агар шумо ҳаққи хизмати коммуналиро барои тамоми сол супоред, дар он сурат ҳаққи хизмати дар давоми сол афзудаи он ба мизоҷ тааллуқе надорад. Ва инро фаромўш накунед ва мабодо ба чунин ҳолат рў ба рў гардед, ҳатман ба ҳуқуқшиносон, кормандони ҷамъиятҳои ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарон муроҷиат кунед.

Боз як далел. Шумо кадом ба чӣ гуна вазифа машғул гардидани ташкилотро хуб донед, дар он сурат муаммоҳоятонро ба тезӣ ҳаллу фасл мекунед.

Алиқасса, харидор ҳам, балогардон ҳам, истеъмолгар мебошад. Танҳо донистани ҳуқуқҳо, ҳифз кардани он ба истеъмолгар имконият медиҳад, ки худро ҳақиқатан бехавф ҳис кунад, ба қонунҳо қатъан риоя намояд. Зеро мо давлати демократии ҳуқуқбунёд месозем ва маълум аст, ки волоият доштани қонун яке аз усулиятҳои асосии ҷамъияти озоди шаҳрвандиро ташкил медиҳад.

**С. ОЧИЛОВА,**
**сарвари бахши раёсати ҳудудии аз инҳисорот баровардан ва рушди рақобати вилояти Тошканд.**

